«Тасдиқ мекунам»
ректори ДМТ, профессор
_______Насриддинзода Э.С.
«__16__» ___02___2024 с.

# ХУЛОСАИ
## кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи «Таҳлили илмӣ – фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- Фалсафаи ичтимоӣ, ки дар кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ омода гаштааст.

Диссертатант Зайналов Қ.М аз соли 2006 то имрӯз ба ҳайси муаллими калони кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ фаъолият дорад. Соли 1980 факултети математика ва физикаи Институти давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакиро аз рӯйи ихтисоси омузгори фанҳои математика ва физика хатм кардааст.

Мавзуи диссертатсия дар ҷаласаи Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ (протокли №7, аз 27.02.2015 с) тасдиқ шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** доктори илмҳои фалсафа, профессор Ибодов М.О.(пурра) мебошад.

Кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа аз рӯйи муҳокимаи диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзӯи “Таҳлили илмӣ – фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ” хулосаи зеринро қабул кард:

Диссертатсияи Зайналов Қ.М. кори илмии анҷомёфта буда, дорои арзишу аҳаммияти назарию методологӣ ва навгонии илмӣ мебошад. Он

мустақилона ичро гардида, дорои натиҷаҳои арзишманди илмӣ мебошад.

Дар рафти таҳқиқоти илмӣ ва таҳияи диссертатсия, муаллиф аз усул ва равишҳои маъмули илмҳои ҷомеашиносӣ истифода намуда, мафҳуми принсипи антропиро ҳамчун масъалаи муҳими фалсафӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, натиҷаҳои назарраси илмиро ба даст овардааст. Дар диссертатсия ҳамбастагии принсипи антропӣ бо ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, муаллиф тавонистааст, ки муҳимияти онро барои ҷомеаи муосир асоснок карда, исбот намояд. Диссертант дуруст қайд менамояд, ки принсипи антропӣ, ки ҳамчун яке аз самти нави илмӣ пас аз давраи ғайрианъанавӣ баромад мекунад, баҳси зиёдеро ба миён овардааст. Дар адабиёти илмӣ ҷараёни паҳншавии иттилоот оид ба принсипи мазкур то ҳол кам намешавад, оид ба бисёре аз ҷанбаҳо ва хусусиятҳои он баҳсу мунозираҳо идома доранд.

Аҳаммияти назариявӣ ва амалии диссертатсия дар он ифода меёбад, ки дар он маводи васеи фанҳои физика, астрофизика, кайҳоншиносӣ, астрономӣ, биология, антропология, синергетика ва тамоюли байнифаннӣ мақоми фалсафӣ ва методологии принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулоти глобалӣ дар низоми манзараи илмии олам асоснок карда шудааст.

Дар диссертатсия, муаллиф аз методологияи диалектикӣ, детерминизми кайҳонӣ, синергетикӣ, ақидаи назарияи худташкилшавӣ, ғояи худҳаракаткунии материя, таҳаввулоти умумӣ ва ноосферогенез берун намебароянд ба таври васеъ истифода намудааст.

Мақсади асосии таҳқиқи рисолаи мазкур муайян намудани ҷои принсипи антропӣ, ғояи таҳаввулоти глобалӣ ва назарияи ноосфера дар низоми донишҳои фалсафӣ ва мушаххаскунии алоқаи мутақобилаи онҳо дар аснои дастовардҳои илми муосир мебошад. Аз тарафи дигар муайян намудани истилоҳҳои номуайяни принсипи антропӣ ва мушаххас кардани мазмун ва моҳияти он, инчунин баррасии ҷанбаи ҷаҳонбинии

мушкилот, ки дар робита бо зиндашавии яктарафаи равияҳои креатсионистӣ, антропосентрӣ (инсонмарказӣ) ва худомарказӣ (теосентрӣ) дар фалсафа ва табиатшиносӣ, пайдоиши хатогиҳои дахлдор ва яктарафа тафсир кардани кашфиёти илми муосир, ки ба қатори он принсипи антропӣ ҳам дохил мешавад, дорои аҳамияти зиёди илмӣ мебошад.

Муаллиф дар раванди таҳқиқи илмӣ иштироки фаъол намудааст. Ҳамчунин, ҳангоми муайян намудани мақсадҳои асосӣ, тадқиқотҳои назариявии бадастоварда ва роҳҳои ҳалли натиҷаю хулосавии он иштирокчӣ ва саҳмгузор мебошад. Мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда оид ба мавзуи таҳқиқотӣ, аз ҷониби муаллифи диссертатсия ба чоп расонида шудаанд, ҷанбаъҳои муҳимтарини диссертатсияро инъикос менамоянд.

Ҷанбаи назариявию амалӣ ва навоварии диссертатсия аз он иборат аст, ки мавод ва хулосаҳои умумии он фаҳмиши навро оид ба дарки принсипи антропӣ медиҳад, зеро ки имрӯз, инсон ва инсоният дар иҳотаи хатарноки мушкилоти глобалии замони муосир қарор дорад ва мехоҳанд ҳамбастагӣ ва ягонагии худро бо табиат ва Кайҳони бузург аз мавқеи хирад ба таври воқеӣ муайян намояд. Арзиши амалии диссертатсия дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро метавон барои коркарди минбаъдаи манзараи илмии олам ва сохтори он истифода намуд. Маводҳои рисолавӣ ва натиҷаҳои ба дастовардашударо дар вақти гузаштани дарсҳои фалсафа, фалсафаи илми муосир, консепсияи табиатшиносии муосир ва фалсафаи экология истифода бурд.

Ҷанбаи назариявӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки дар асоси маводҳои мавҷуда нишон дода шудааст, ки бори нахуст:

- бори аввал мазмуни таърихӣ, таҳаввулотӣ, методологӣ, ҷаҳонбинӣ, байнифаннӣ, антропокайҳонӣ, антропоэкологӣ ва арзишии принсипи антропӣ ва таҳаввулоти глобалӣ муфассал баррасӣ гаштааст.
- дар кор асоснок карда шудааст, ки принсипи антропӣ ва ғояи

таҳаввулотгароии глобалӣ самтҳои афзалиятноки таҳқиқи манзараи илмии оламро ташкил додаанд.

- дар доираи таҳқиқоти кайҳоншиносӣ, астрофизикӣ, физикӣ ва биологӣ муайян карда шудааст, ки қонунҳо, принсипҳо ва равандҳои таҳаввулот на танҳо ба сайёраи замин, балки ба дигар сайёраҳо, галактикаҳо ва, умуман, Коиноти том хос мебошанд.

- навоварии дигар аз он иборат аст, ки дар кор бори аввал диққат ба ташкилшавӣ ва аҳамияти фалсафӣ-методологии фасли нав дар сохтори таълимоти таҳаввулоти универсалӣ - космоглобалистика дода шудааст, ки фаъолияти инсонро берун аз ҳудуди сайёраи Замин меомӯзад. Муайян карда шуд, ки таҳқиқот дар ин самт имкон медиҳад, пешгӯии боз ҳам асосноктари ҷустуҷӯӣ ва меъёрӣ оид ба ояндаи тамаддуни инсонӣ, алоқаи мутақобилаи онҳо бо Замин ва Кайҳон ба даст оварда шавад.

- оид ба баъзе мушкилоти илмӣ-табиӣ ва фалсафию методологӣ дар фаҳмиши дастаи Коинотҳо – Мултиверс дар таносуб бо ғояи таҳаввулоти глобалӣ таҳқиқот ба анҷом расонида шуд. Масъалаи дар таркиби Мултиверс ҷой доштани коинотҳои ҷойдорӣ (локалӣ), маҳаллӣ ва кисагӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Нишон дода шуд, ки айни ҳол баҳсу мунозираҳои илмӣ дар ин ҷода идома доранд.

- дар доираи мазмуни фалсафӣ ва илмӣ-табиӣ оид ба робитаи принсипи антропӣ ва ғояи таҳаввулотгароии глобалӣ бо назарияи таҳаввулотии В.И.Вернадский оид ба гузариши зисткурра ба ноосфера (курраи хирад) – ноогенез таҳқиқоти инноватсионӣ гузаронида шуд. Асоснок карда шудааст, ки ҷомеаи муосир бо роҳи самти нав дар ҳамбастагӣ, ҳамҷӯрии инсон бо табиат ва зисткурра ва гузариш ба курраи хирад пеш равад. Мутаносибан зарурияти кор карда баромадани илми нав таҳти унвони ноогеника асоснок карда шудааст. Таъкид гардидааст, ки имрӯз инсоният бояд дар иҳотаи проблемаҳои

умумибашарӣ зиндагӣ карданро омӯзад, вагарна ӯ бо қадамҳои беҳтиётона худро ба нестӣ хоҳад бурд.

Илова бар ин, маводи таҳқиқшуда, натиҷа ва хулосаҳои бадастомадаро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси фанҳои фалсафаи табиатшиносӣ, антропология ва консепсияи илмҳои табиатшиносӣ истифода намуд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифта, ба он ҳамоҳанг карда шудаанд.

**Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшаванда чоп шудаанд:**

1. Зайналов Қ.М. Назарияи таҳаввулотӣ ва принсипи антропӣ дар фалсафаи илм // [Матн] / М.О. Ибодов, Қ.М. Зайналов / Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон, №3/4. – Душанбе, 2017. – С. 154-157. ISSN 2074-1847
2. Зайналов Қ.М. Тамоюлҳои навин дар инкишофи фалсафа ва илми муосир (таҳлили методологӣ) // [Матн] / Қ.М. Зайналов / Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон, №3/5. – Душанбе, 2017. – С. 162-165. ISSN 2074-1847
3. Зайналов Қ.М. Манзараи илмии олам // [Матн] / Қ.М. Зайналов, М.О. Ибодов / Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон, №9. – Душанбе, 2021. – С. 208-217. ISSN 2074-1847
4. Зайналов Қ.М. Тавсифи намудҳои гуногуни принсипи антропӣ // [Матн] / Қ.М. Зайналов / Паёми Донишгоҳи милии Тоҷикистон, №10. – Душанбе, 2021. – С. 223-228. ISSN 2074-1847

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он аст, ки ӯ тавонистааст, яке аз мавзуи мубрами фалсафаи муосирро интихоб, мақсад ва вазифаҳоро муайян, объек ва предмети таҳқиқоти худро бо услуби дурусти илмӣ мушаххас намояд.

Номи мавзӯъ, сохтор ва таркиби диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 09.00.11 - Фалсафаи иҷтимоӣ мувофиқ буда, бо «Номгӯи самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии

Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2014, №765 тасдиқ шудааст, алоқамандӣ дорад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи «Таҳлили илмӣ – фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- Фалсафаи иҷтимоӣ пурра мувофиқат менамояд. Мақолаҳои чопнамудаи муаллиф ва автореферати диссертатсия муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамоянд. Диссертатсияи мазкур аз рӯйи сохтори худ ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсияи Зайналов Қурбон Мирзоевич дар мавзуи «Таҳлили илмӣ – фалсафӣ ва иҷтимоии принсипи антропӣ», ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафӣ аз рӯйи ихтисоси 09.00.11- Фалсафаи иҷтимоӣ кори мустақилона ва анҷомёфта буда, барои ҳимоя ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-029 тавсия карда мешавад.

Хулосаи мазкур, дар маҷлиси кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон 15 феврали соли 2024 қабул гардид.

Дар маҷлис 10 нафар иштирок карданд.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор 10 нафар; зид нест, бетараф - нест. Суратҷаласаи №8/1 аз 15. 02. 2024.

Мудири кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи ДМТ, н.и.ф., дотсент — Ҳаитов Ф.Қ.

Котиб, муаллими калон — Калонзода Ф.И.

Имзои Ҳаитов Ф.Қ ва Калонзода Ф.И-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДМТ — Тавқиев Э.Ш.

15.02.2024